Бо фармоиши Вазири нақлиёти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 12 » « 02 » соли 2026, № 28

тасдиқ карда шудааст

# Дастурамали
# мансабии мутахассиси пешбари 1-и шуъбаи хоҷагии роҳҳои
# Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1 Номи мансаб – мутахассиси пешбари 1-и шуъбаи хоҷагии роҳҳои Раёсати сохтмон ва хоҷагии роҳҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

1.2 Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи шашум мансуб аст.

1.3 Мутахассиси пешбари 1-и шуъбаи хоҷагии роҳҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – мутахассиси пешбари 1-и шуъба) аз тарафи Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Вазир) дар асоси озмун ва бо риояи талаботи тахассусӣ ва тибқи тартиби муқарраргардида ба мансаб таъин ва озод карда мешавад.

1.4 Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори Раёсати сохтмон ва хоҷагии роҳҳо, муовини ӯ ва сардори шуъбаи хоҷагии роҳҳо тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

1.5. Ба ишғолкунандаи мансаби мазкур мутахассиси шуъба тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад;

1.6 Дар мавриди зарурӣ мутахассиси пешбар шуъба метавонад, сармутахассиси шуъбаро иваз намояд;

1.7 Мутахассиси пешбари 1-и шуъба бо роҳбарони воҳидҳои сохтории Вазорат, сохторҳои ҳудудии он, воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, дар самти фаъолияти шуъба ҳамкорӣ менамояд.

## 2. Талаботҳои тахассусӣ

2.1 Барои ишғолкунандаи мансаби Мутахассиси пешбари 1-и шуъба талаботи тахассусии зерин муқарраргар карда мешавад:

- таҳсилоти олии касбӣ бо ихтисосҳои муҳандиси “сохтмони роҳҳо ва фурӯдгоҳҳо”, “сохтмони кӯпрукҳо ва нақбҳои нақлиётӣ”, “сохтмони роҳи оҳан, роҳ ва хоҷагии роҳҳо”, “иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (хоҷагии роҳ)”, “таҷҳизот ва нақлиёти роҳ, сохтмон ва борбардорӣ (аз рӯйи соҳаҳо)”, “автомобил ва хоҷагии автомобилӣ”, “ташкили ҳаракат дар роҳ” “идоракунии хоҷагии роҳҳо” ва дигар ихтисосҳои самти сохтмон ва хоҷагии роҳҳо);
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
-донистани забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои

меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии сармутахассиси 2-и шуъбаро ба танзим медароранд;

-донишҳои касбӣ, қобилият ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ;

-одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрвандон ва ҳамкорон;

-малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

- малакаи кор бо компютер ва технологияҳои дигари иттилоотӣ;

- дигар талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 3. Ҳуқуқҳо

3.1 Мутахассиси пешбари 1-и шуъба дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии ӯҳдадориҳои мансабӣ зарурро бо тартиби муқарраргардида талаб карда гирад;
- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба ӯҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;
- ба сардори шуъба дар доираи ӯҳдадориҳои мансабӣ ва фаъолияти воҳиди сохторӣ оид ба мукаммал намудани самти кор таклиф пешниҳод намояд;
- маводҳои дар ихтиёри Вазорат ва шуъба қарордоштаро меомӯзад;
- дар баррасии масъалаҳои ба фаъолияти шуъба дахлдошта ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок менамояд;
- бо тартиби муқарраршуда аз муассисаҳои роҳдорӣ, новобаста аз шакли моликият маълумотҳои барои ҳисоботҳои моҳона зарурро қабул менамояд;
- дар кори ташкил ва гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти раёсат ва шуъба дахл доранд, иштирок менамояд;
- дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 4. Ӯҳдадориҳои мансабӣ

4.1 Ӯҳдадориҳои мансабии мутахассиси пешбари 1-и шуъба аз инҳо иборат мебошанд:

- муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, ҷавоб омода менамояд;
- бо супориши роҳбари воҳиди сохторӣ ё роҳбари мақоми давлатӣ дар ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои мақоми давлатӣ иштирок намуда, ба роҳбари воҳиди сохторӣ гузориш/ҳисобот пешниҳод менамояд.
- мукотиба бо Вазорату кумитаҳо ва корхонаю ташкилотҳои системаи вазорат;
- маълумотҳои ҳисоботиро дар мувофиқа бо сардори шуъба ба раёсатҳои дахлдор пешниҳод менамояд;
- нақшаи кории худро барои ҳар 3 моҳа ва нимсола таҳия намуда, иҷрои онро ташкил ва таъмин менамояд;

-назорати иҷрои саривақтии супоришҳои назоратӣ ва робита бо шуъбаи коргузорӣ ва назорат;
- маводҳои воридшуда ва иҷрои онҳоро, ки ба фаъолияти шуъба дахлдорад баррасӣ намуда, амалӣ менамояд;
- мукотиба бо раёсату шуъбаҳои вазорат;
- маълумотҳои ҳисоботиро дар мувофиқа бо сардори шуъба ба раёсатҳои дахлдор пешниҳод менамояд;
- мукотиба бо раёсату шуъбаҳои вазорат;
- маълумотҳои ҳисоботиро дар мувофиқа бо сардори шуъба ба раёсатҳои дахлдор пешниҳод менамояд;
- дар таҳия ва гузаронидани чорабиниҳое, ки бо мақсади беҳтаргардонии сатҳу сифати хизматрасониҳо дар роҳҳои автомобилгард иштирок менамояд;
- гирифтани маълумот вобаста ба омодагии техникаву механизмҳои роҳдорӣ ба мавсими зимистонгузаронӣ дар муассисаҳои роҳдорӣ;
- омода намудани Нақшаи техникаву механизмҳои роҳдорӣ ба мавсими зимистонгузаронӣ.
- гузаронидани инвентаризатсияи техникаву механизмҳои роҳдорӣ дар муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳру ноҳияҳо.
- омода намудани маълумот аз Муассисаҳои давлатии “Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгард”-и вилояту минтақаҳо нисбати талабот ба қисмҳои эҳтиётӣ.
- дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 5. Масъулият

5.1 Мутахассиси пешбари 1-и шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ, ки дар дастурамали мансабӣ пешбинӣ шудаанд;

- риояи накардани мавҷудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” ва “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” муқаррар намудаанд;

-барои риоя накардани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим”;

-барои риоя накардани меъёрҳои муқарарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамали одоби касбии кормандони соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;

-барои риоя накардани муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2025, №355 “Дар бораи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигари давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”

-барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва сирри дигаре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

-барои риоя накардани интизоми меҳнатӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

-барои пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молу мулкии хизматчии давлатии маъмурӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;

-барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё вайрон намудани моликияти давлатии вобастакардашуда;

-дигар масъулияти муқарраргардида қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

6.1 Дастурамалҳои мансабӣ дар як нусхаи аслӣ тартиб дода мешаванд. Нусхаи аслии дастурамалҳои мансабӣ баъди тасдиқ дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта мешавад. Хадамоти кадрӣ баъди гирифтани имзо ва нишон додани ному насаб ва сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ нусхаи дастурамалро барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ ба хизматчии давлатии маъмурӣ месупорад.

6.2 Роҳбарони воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ барои истифодаи хизматӣ ба нусхаи электронии дастурамалҳо дар системаи идораи ҳуҷҷатҳо дастрасӣ доранд. Дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳо ба таври худкор Дар системаи мазкур сабт мегардад.

Мувофиқа карда шуд:

Сардори Раёсати сохтмон ва
хоҷагии роҳҳо ________________ Ализода Р.Ф.

Сардори Шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус ________________ Ходизода К.

Мудири Бахши ҳуқуқ ________________ Латиф М.М.

Шинос шуд:___________________________ мутахассиси пешбари 1-и ШХР РСХР